# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсионии Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзуи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат)**

Мирзозода Аҳлиддин Довудхуҷа соли 2012 пас аз хатми мактаби миёна ба факултети ҳисобдори ва омори Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ ва илмӣ дохил шуда, соли 2016 муассисаи олии номбурдаро хатм кардааст. Соли 2018 бошад магистратурaро аз рӯи ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, аудит ва соли 2021 докторантураи Phd –ро дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро бо муваффақият хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ дар вазифҳои зерин фаъолият намудааст: солҳои 2018 ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ ва аз моҳи апрели соли 2022 то ҳол - муовини декан оид ба таълим дар таҳсилоти фосилавии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кор карда истодааст. Ҳамзамон, ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

Мирзозода А.Д., ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотии худ, дараҷаи баланди мустақилият ва кордониро дар ҷамъоварии маълумотҳо, омӯзиш ва интихоби асарҳои таҳқиқотчиёне, ки ҷанбаҳои назариявӣ - услубии кори мазкурро таҳқиқ намудаанд, нишон додааст. Инчунин Мирзозода А.Д. ҳамасола дар конференсияҳои илмию назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, бо маърӯзаю фишурдаҳои худ баромад намудааст.

Сатҳи дониш ва услубҳои омӯзиши докторанти Phd Мирзозода А.Д. ба стандартҳои таҳсилоти олӣ мувофиқат намуда, ҳангоми кор бо диссертатсия ӯ худро ҳамчун таҳқиқотчии илмӣ, сари вақт иҷрокунандаи супоришҳои вобаста ба иҷрои рисолаи илмӣ ва худро ҳамчун масъулиятшинос нишон дода тавонист. Хислати серталабӣ, ташкилотчигӣ ба Мирзозода А.Д. имкон дод, то натиҷаҳои бадастомадаро ҳаматарафа таҳлилу таҳқиқ намуда, услубҳои зарурии таҳқиқотиро мустақилона муайян ва асоснок намояд.

Умуман, Мирзозода А.Д. дар давоми таҳсил худро чун муҳаққиқи фаъолу доройи малакаи таҳқиқотчии мустақили илмӣ нишон дода, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро дуруст баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ намудааст. Дар ҷараёни корӣ ӯ доираи васеи адабиёти ватанию хориҷиро вобаста мавзуи таҳқиқот омӯхта, таҷрибаи кории бахши таҳқиқшавандаро дуруст омӯхтааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Соҳаи саноат омили муҳимтарини рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Вазъи кунунии соҳаи саноат ва таъмини рушди устувори он, иҷрои барномаҳои давлатии мамлакат, таъмини иҷрои стратегии онҳо бе восита ба инноватсиякунонии ҷараёни истеҳсолот ва ҳавасмандгардонии меҳнати кормандон вобастагии зиёд дорад.

Вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф таҳқиқи назарияҳо, омилҳо, усулҳо ва таҷрибаи як қатор кишварҳои хориҷӣ оид ба низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Навгониҳо ва нуқтаҳои илмӣ диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамадии назариявӣ - методологӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳҳои гуногун инъикоси худро ёфтаанд.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи коркарди мавзуи илмӣ, инчунин робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ муайян ва асоснок карда шудаанд.

**Боби аввал** «Асосҳои илмию назариявии ҳавасмандгардонии моддии меҳнат» таҳаввулоти муқарраротҳои назариявии ҳавасмандгардонии меҳнат омӯхта шудааст, равияҳои методии ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ аз мавқеи такмилдиҳии он таҳқиқ карда шуда, имкониятҳои роҳандозии таҷрибаи хориҷии ҳавасмадгардонии моддии меҳнат дар корхонаҳои саноатӣ мавриди баррасӣ менамояд.

**Дар боби дуюм** «Вазъи муосир, муаммоҳо ва омилҳои ҳавасманд-гардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатии вилояти хатлон» ҷараёни ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон ба таври умумӣ таҳлил карда шудааст, нишондиҳандаҳои раванди ҳавасмандгардонии моддии кормандон дар корхонаҳои саноатӣ: муаммо ва тамоюлот арзёбӣ гардида, таъсири омилҳои ҷараёни ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир дар заминаи рақамҳои омори расмӣ ва дигар маълумоти илман асоснок таҳлил карда шуда, онҳо муайян, ошкор ва баҳодиҳӣ карда шудаанд.

**Дар боби сеюм** «Такмили низоми идоракунии ҳавасмандгардонии моддии кормандони корхонаҳои саноатӣ» самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнат муайяну ошкор гардида, ҷиҳатҳои алоҳидаи институтсионалии ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ такмил дода шудаанд ва дар шароити шуғли пурмаҳсул перомуни такмили механизми

ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони саноатӣ тавсияҳо коркард ва пешниҳод гардидааст.

Дар қисми **«Хулоса ва тавсияҳо»** натиҷаҳои асосии кори илмӣ муайян ва асоснок карда шуда, барои истифодаи амалии натиҷаҳо тавсияҳои мушаххас дода шудаанд.

Диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзуи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» дар сатҳи баланди илмӣ - назариявӣ ва амалиро касб намуда, хулоса ва пешниҳоди муаллиф оид ба такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ илман асоснок гардидаанд.

Хулоса, диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхуҷа дар мавзӯи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос доир ба ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) кори илмии мукаммали анҷомёфта ба ҳисоб рафта, он ба талаботи Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи номзади илм аз рӯи ихтисос мебошад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Муовини ректор оид ба илми ДДМИТ Сафаров Б.Г.

Имзои Сафаров Б.Г-ро тасдиқ менамоям

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

14.06.2023